# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 10.04.2025** **ш. Душанбе**

Баромади Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маънои ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Усмонова Мунаввара Холиқовна**, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои филологӣ Сулаймонов Саидраҳмон, Исмонов Кароматулло, Султон Ҳасан Баротзода ва Гулназарзода Жилоро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маънои ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ ба Зоирзода Холмурод Сафаралӣ аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Мирзоёров Ф.Н.

10.04.2025.